# Шарҳи моҳонаи таваррум • Апрели 2022

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи апрели соли 2022 ба 0,7 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба моҳи қаблӣ 1,0 банди фоизӣ (б.ф.) паст ва ҳамин моҳи соли 2021 бетағйир мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда таваррумӣ ҳосилшуда асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 1,4 фоиз (саҳм дар таваррум 0,7 б.ф.) ва молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,2 фоиз (0,05 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, дар ин моҳ арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ -0,3 фоиз (-0,04 б.ф.) раванди коҳишёбӣ доштанд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ болоравии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили нархи орди навъи якум 5,2 фоиз, равғани пахта 2,4 фоиз, равғани офтобпараст 2,7 фоиз, шакар 6,8 фоиз, тухм 3,2 фоиз, себ 9,1 фоиз, сабзӣ 7,8 фоиз, карам 6,2 фоиз, пиёз 2,2 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Яке аз сабабҳои асосии боло рафтани нархи орди навъи якум, равғани растанӣ ва шакар дар кишвар ин коҳишёбии ҳаҷми воридоти онҳо бинобар маҳдуд намудани содироти он аз ҷониби кишварҳои содиркунанда вобаста ба номусоидии вазъи боду ҳаво, кам гардидани захираи ин намуди маҳсулотҳо ва боло рафтани нархҳои воридотӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла нархи гӯшти гов 1,4 фоиз, картошка 9,3 фоиз, нахуд 1,3 фоиз, бодиринг 55,0 фоиз ва ғайра ба назар расид.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи ҳисоботӣ бештар болоравии нархи масолеҳи таъмир ва сохмон 0,6 фоиз, маводи шустушӯй 2,1 фоиз, маводи доруворӣ 0,1 фоиз ва ғайра мушоҳида гардид.

Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, дар моҳи ҳисоботӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, раванди мазкур асосан дар натиҷаи арзоншавии арзиши хизматрасонии гази моеъ 5,1 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

**Таваррумӣ моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррумӣ солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи орди нави якум, равғани пахта ва шакар, бо % моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Тибқи маълумоти омори расмӣ дар моҳи апрели соли ҷорӣ болоравии сатҳи нархҳо дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Туркия 7,3 фоиз, Қазоқистон 2,0 фоиз, Қирғизистон 2,0 фоиз, Гурҷистон 1,8 фоиз Русия 1,6 фоиз ва Ӯзбекистон 1,5 фоиз ба қайд гирифта шуд.

**Таваррум солона дар моҳи апрели соли 2022 ба 7,3 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,0 б.ф. кам мебошад.**

Сатҳи таварруми солона дар моҳи апрели соли ҷорӣ дар кишвари Туркия 70,0 фоиз, Русия 17,8 фоиз, Қазоқистон 13,2 фоиз, Қирғизистон 14,5 фоиз, Гурҷистон 12,8 фоиз ва Ӯзбекистон 10,4 фоизро ташкил додааст.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи апрели соли ҷорӣ 0,3 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 2,1 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ мусоидат намуд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда бо истифода аз фишангҳои монетарӣ татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомотҳои омори давлатҳои дахлдор)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (апрели с.2022) | Таваррум янв.-апр. с.2022 | Таварруми солона (апрели с.2022) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 7,3 | 31,7 | 70,0 |
| Қазоқистон | 2,0 | 7,3 | 13,2 |
| Қирғизистон | 2,0 | 7,1 | 14,5 |
| Гурҷистон | 1,8 | 6,4 | 12,8 |
| Русия | 1,6 | 11,7 | 17,8 |
| Ӯзбекистон | 1,5 | 4,5 | 10,4 |
| Тоҷикистон | 0,7 | 3,2 | 7,3 |

**Таварруми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)*

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | | | | 2022 | | | | Апрел тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **9,9** | **9,4** | **9,6** | **8,0** | **7,8** | **7,1** | **7,3** | **7,3** | **0,7** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **13,5** | **10,9** | **11,0** | **7,5** | **6,8** | **6,4** | **7,1** | **8,1** | **1,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,8 | 10,4 | -3,7 | 2,2 | 4,0 | 4,8 | 4,8 | 11,0 | 16,7 | 3,6 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 3,2 | 0,4 | -5,5 | -7,8 | -7,5 | -7,5 | -7,0 | -5,7 | -3,9 | 0,2 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 16,4 | 12,9 | -5,7 | 4,6 | 8,0 | 8,8 | 8,6 | 18,0 | 26,4 | 5,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 5,7 | 9,0 | 14,6 | 14,0 | 15,1 | 15,3 | 13,9 | 9,8 | 2,6 | -0,8 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 9,5 | 15,5 | 15,8 | 14,9 | 15,1 | 13,9 | 7,7 | -0,5 | -1,4 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | 18,9 | 43,2 | 24,2 | 11,9 | -14,4 | -24,0 | -26,3 | -21,2 | -18,6 | 3,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 4,3 | 5,6 | 6,2 | 7,9 | 8,9 | 7,7 | 9,9 | 23,6 | 21,7 | 1,8 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 5,6 | 10,3 | 3,1 | 8,8 | 4,3 | 4,0 | 10,6 | 15,4 | 17,0 | -0,2 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 51,5 | 64,3 | 58,9 | 20,8 | 20,5 | 17,3 | 12,4 | 4,2 | 2,1 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 4,7 | -6,4 | -9,5 | -9,7 | -6,7 | -6,6 | -6,9 | -8,3 | -5,3 | 2,9 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 5,8 | 5,5 | 14,1 | 11,7 | 16,4 | 11,6 | 13,4 | 6,3 | 5,4 | -3,5 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | 40,8 | 46,7 | 41,0 | 21,9 | 4,4 | 4,3 | 2,9 | 6,9 | 14,0 | 6,8 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -2,2 | 4,5 | -1,7 | 0,1 | -0,7 | 0,6 | 1,5 | 2,6 | 3,2 | 0,5 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **1,8** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **5,0** | **4,6** | **4,3** | **2,8** | **5,8** | **5,7** | **4,9** | **6,2** | **6,3** | **0,2** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,8** | **7,6** | **8,4** | **7,8** | **7,5** | **7,8** | **6,4** | **6,3** | **6,1** | **0,2** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,5 | 4,9 | 4,1 | 3,3 | 2,8 | 3,2 | 2,7 | 2,4 | 2,6 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 8,0 | 7,8 | 6,5 | 5,1 | 8,0 | 6,8 | 6,4 | 7,8 | 8,2 | 0,6 |
| Маводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 10,1 | 9,5 | 7,7 | 5,7 | 4,6 | 5,2 | 4,8 | 5,1 | 6,8 | 2,1 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 7,8 | 6,6 | -0,4 | -1,6 | -0,7 | 4,2 | 5,3 | 7,4 | 7,7 | 0,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | -6,1 | 16,8 | 56,8 | 59,4 | 63,0 | 54,6 | 40,2 | 33,2 | 24,1 | -3,0 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | 14,8 | 12,8 | 22,1 | 11,8 | 2,7 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 5,1 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | 3,2 | 4,3 | 4,2 | 2,9 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 8,8 | 9,3 | 5,6 | 5,2 | 3,7 | 4,1 | 2,8 | 3,2 | 3,4 | 0,8 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,0** | **4,1** | **5,1** | **9,3** | **11,3** | **11,5** | **11,1** | **9,9** | **9,6** | **-0,3** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 1,8 | 3,7 | 9,6 | 14,6 | 13,1 | 13,2 | 10,5 | 10,1 | 8,9 | -0,9 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 3,8 | 1,4 | -1,1 | -0,9 | -0,9 | 3,7 | 3,7 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 4,0 | 14,1 | 52,0 | 66,7 | 66,1 | 66,6 | 46,7 | 44,4 | 36,1 | -5,1 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 11,2 | 22,4 | 22,4 | 24,4 | 19,5 | 19,5 | 0,0 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,4 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,7 | 7,8 | 8,2 | 8,1 | 8,2 | 8,3 | 0,1 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,3 | 1,0 | 1,1 | 1,6 | 0,5 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 6,7 | 5,9 | 5,5 | 4,1 | 1,7 | 2,8 | 3,0 | 3,2 | 3,2 | 0,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо